## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ. – Душанбе, 2025. – 461 с.**

Диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума) » ба доираи мавзуъ ва масоили пажуҳишие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ нишон дода шудаанд, пурра мувофиқат мекунад.

Пажуҳиши мавриди баррасӣ ба масъалаи мубрами илми забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ бахшида шудааст. Омӯзиши муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ ва таҳвили онҳо дар тарҷумаи асарҳои бадеӣ аҳаммияти илмию амалӣ дошта. Воситаҳои тасвири бадеӣ дар адабиёти бадеӣ мақоми хосро соҳибанд.Таҳлилу таҳқиқи муқоисавӣ онҳо дар забонҳои тоҷикию англисӣ ва роҳҳои таҳвилу интиқоли онҳо дар тарҷумашиносии муосир яке аз масъалаҳои актуалӣ ба шумор рафта, **мубрамии мавзуи таҳқикро** собит мекунад.

Агар ба таърихи таҳқиқи воситаҳои тасвири бадеӣ тавачуҳ намоем, маълум мегардад, ки то ин замон муҳаққиқони соҳаи забон ва тарҷумашиносии тоҷик, асосан, зимни пажуҳиши воситаҳои тасвири бадеӣ ва баррасии равандҳои ташаккулу таҳаввули онҳо дар назм ва наср ишораҳо карда, мутаассифона, масоили марбут ба тарҷума, истифодаи онҳо дар луғатҳои тафсирию дузабона ва шарҳи истилоҳии онҳоро дар қолаби махсус баррасӣ накардаанд. Дар ин асос метавон гуфт, ки таҳқиқи ин масъалаҳо **аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ** дорад.

Дар пажуҳиши мавриди назари мо воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар заминаи маводди назарии ду забон баррасӣ шуда, усулҳои тарҷума, татбиқ ва корбурди онҳо дар матни асари бадеӣ мушаххас гардидааст, ки **навгонии диссертатсия ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** инъикос менамоянд.

Дар диссертатсия бори аввал тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ ва хусусиятҳои луғавию истилоҳии онҳо дар доираи ду забон таҳлил гардида, омилҳои луғавию дастурӣ ва роҳҳои ифодаи онҳо дар таркиби воҳидҳои луғавии бемуодил, ки ба раванди тарҷумаи матни бадеӣ таъсир мерасонанд, таҳлил шудаанд.

Чунонки дар диссертатсия қайд гардидааст, бештари масъалаҳои мавриди пажуҳиш дар низоми воситаҳои тасвири бадеӣ дар забоншиносии тоҷик, дар муқоиса бо забони англисӣ бори нахуст баррасӣ мешаванд. Масъалаҳои дар вазифаи таҳқиқ мавҷудбуда дар забоншиносии тоҷик дар шакли диссертатсияи ҷудогона бори нахуст пажуҳиши илмӣ шуда, масъалаи марбути забон ва тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеиро дар бар мегиранд.

Диссертант Соҳибназарова Ҳ.Т. барои анҷом таҳқиқи илмӣ мақсад ва вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар 8 банд муайян намудааст. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба омӯзиш, ташаккул ва таҳаввули воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни бадеӣ марбут шуда, мазмун ва муҳтавои фаслу бобҳоро инъикос менамояд, ки дар самти таҳвили онҳо дар раванди тарҷумаи асарҳои бадеӣ аҳаммияти махсуси илмӣ доранд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он асоснок мешавад, ки диссертатсия, таҳқиқи муқоисавии татбиқи намунаи баъзе аз воситаҳои тасвири бадеии маъмул ва ҷанбаҳои забонию тарҷумаи онҳоро дар ду забон таъмин намуда, маълумот ва сарчашмаҳо мушаххасанд. Таҳлили илмии тарҷумаҳо дар таснифи воситаҳои тасвири бадеӣ аз рӯйи ақидаи олимону муҳаққиқони соҳа, инчунин, тарҷумаи дақиқи анвои воситаҳои тасвири бадеӣ сурат гирифтааст.

Ҳамчунин, ҳаҷми маводи дар диссертатсия баррасигардида, коркарди натиҷаҳо ва теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат менамоянд. Пажуҳиш ва омӯзиши сарчашмаҳои илмию бадеӣ ва фарҳангномаҳо ба интихоби дурусти методҳои таҳқиқу баррасии мавзуъ ва масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда ба муаллиф имкон додааст, то **хулоса ва тавсияҳои** боэътимод бароварда, тарҷумаи мукаммали воситаҳои тасвири бадеиро дуруст ва мушаххас муайян намояд.

Тавсияҳо ва хулосаҳо аз тарафи диссертант илман амиқу дақиқ асоснок карда шудаанд ва метавонанд дар бахшҳои забоншиносии муқоисавию маърифатӣ ва тарҷумашиносӣ, ҳамзамон, дар таҳияи фарҳангҳои дузабонаи таълимӣ, таҳияи дастуру васоити таълимӣ ва китобҳои дарсӣ истифода карда шаванд. Кори диссертатсионии Ҳ.Т. Соҳибназарова ва натиҷаҳои илмӣ-таҳқиқии он метавонанд дар самти луғатшиносӣ, грамматика ва типологияи муқоисавӣ истифода шаванд.

Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми он 461 саҳифаи чопи компютерӣ аст.

**Муқаддимаи** диссертатсия ба талаботи дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ  пурра мувофиқат намуда, дар мубрам будани мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назарӣ, сарчашмаҳо ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар бандҳои зарурӣ маълумот дода шудааст.

**Боби якуми** диссертатсия «**Ҷанбаҳои назариявии таҳқиқи воситаҳои тасвири бадеӣ дар забоншиносӣ**» унвон дошта, аз 2 фасл иборат мебошад.

Дар фасли якуми боби якум таҳти унвони «**Бозбинии таҳқиқоти забоншиносӣ вобаста ба корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ**» пажуҳишҳои

анҷомшудаи забоншиносӣ дар мавриди корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ таҳлилу бозбинӣ шудаанд.

Дар ин фасли диссертатсия оғози омӯзиши ҷиддии масоили воситаҳои тасвири бадеӣ таҳлилу баррасӣ шуда, вижагӣ ва моҳияти воситаҳои тасвири бадеӣ таҳқиқ гардидаанд. Муҳаққиқ истифодаи чунин вижагиҳоро дар нутқ тавассути воситаҳои нозуки баён, ки ба услуби волои бадеӣ тааллуқ доранд, муайян кардааст. Ба андешаи диссертант «образҳои бадеӣ дар низоми осори бадеӣ нақш ва манзалати хосса бахшида, тавассути категорияҳои забонӣ муайян карда мешаванд ва нисбат ба ҷумла ва калимаҳои маъмулӣ равшантар ифода мегарданд. Аз ин рӯ, тарҷумони асари бадеиро зарур аст, ки аз нусхабардории воситаҳои мушаххаси эмотсионалӣ ва экспрессивии забони асл даст кашида, барои пайдо кардани он воситаҳое, ки ба забони тарҷума хосанд, кӯшиш ба харҷ диҳад. Вай бояд талабот ва меъёрҳои муайяни назарияи тарҷумаро риоя намуда, инчунин, ба амалӣ намудани вазифа диққати худро барои омӯзиши қолабҳои муҳимми забони асл ва забони тарҷума ва муносибатҳои услубии онҳо равона созад ва ин барои масъалаи омӯзиши нозукиҳои санъатҳои бадеӣ заминаи мусоид фароҳам месозад» (с. 42).

Дар фасли дуюми боби аввал таҳти унвони **«Марзгузории мафҳумҳои луғавӣ ва истилоҳии воситаҳои тасвири бадеӣ дар заминаи фарҳангҳо»** мафҳумҳои луғавӣ ва истилоҳии воситаҳои тасвири бадеӣ дар асоси фарҳангҳои тафсирию дузабона таҳлил гардида, истилоҳоти мувофиқ барои ифода намудани воситаҳои тасвири бадеӣ пешниҳод гардидааст, ки нуктаҳои муҳимми диссертатсия мебошад.

Муаллиф пас аз таҳлили фарҳангҳои тафсирӣ ва дузабона чунин қайд менамояд: «Таҳлили мафҳумҳо нишон медиҳад, ки маънои ин навъҳои маҷоз дар гунаҳои гуногун дода шуда, ҳангоми тарҷумаи ҷумла ба як қатор таҳрифҳо дар мазмуни онҳо мешавад. Аз ин бармеояд, ки тамоми меъёрҳо ва маънои онҳо дар се забон чунинанд ва мо ин навъи тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеиро на ҳамчун силсилаи муродифӣ, балки алоҳида пешниҳод менамоем. Гарчанде як калима ё ибораҳо дар забонҳои муқоисашаванда метавонанд дар

воситаҳои гуногуни шаклҳои тасвири бадеӣ истифода шаванд, вале дар ин ҳолат, онҳо метавонанд вазифаҳои худро иҷро кунанд»(с. 61). Тарҷумаи мувофиқ хазинаи истилоҳии низоми воситаҳои тасвири бадеӣ ва назария ва амалияи тарҷумаро мукаммал месозад.

Дар боби дуюми диссертатсия «**Ҷанбаҳои назариявии таҳқиқи воситаҳои тасвири бадеӣ дар тарҷумашиносӣ**» ном дошта, фарогири масъалаи ҷойгоҳи воситаҳои тасвири бадеӣ дар тарҷумашиносӣ аст. Муҳаққиқ дар меҳвари назарияи тарҷума масъалаи таносуби бадеӣ ва эстетикии матни асл ва матни тарҷума, инъикоси пурраи услуби муаллиф, тавзеҳи эҷодӣ ва услуби шахсии мутарҷимро мегузорад. Ба андешаи муаллиф, «робитаи тарҷума бо ақидаҳои эстетикии ҳамон давра аҳаммият дорад, зеро тарҷума инъикосгари рушду такомули ҷараёни адабӣ маҳсуб меёбад» (с. 79).

Дар фасли дуюми боби дуюм таҳти унвони **«Роҷеъ ба роҳҳои тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар тарҷумашиносӣ»** роҳу усулҳои тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар асоси фикру ақидаи тарҷумашиносон муайян шудааст. Роҷеъ ба масъалаи мазкур нуқтаҳои назари мухталиф баён шуда бошанд ҳам, онҳо дар забони асл иборaҳои асосӣ маҳсуб мешаванд ва усулҳои махсуси интиқол доранд, ки дар диссертатсия тавассути ҷумлаҳо аз асарҳои бадеӣ ба таври возеҳ оварда шудаанд.

Дар фасли сеюми боби дуюм таҳти унвони **«Мулоҳизаҳо дар бобати назария ва амалияи тарҷумаи бадеӣ дар даврони муосир»** масоили назарияи ва амалияи тарҷумаи бадеӣ баррасӣ гардида, вижагиҳои хоси он муайян гардидаанд.

Дар ин боб муаллиф кушишдааст, то масъалаҳои норавшани тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеиро дар тарҷумаи таҳқиқ намояд.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки **«Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ, сохторӣ ва услубии санъатҳои бадеӣ ва роҳҳои ифодаи онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном дорад, масъалаҳои марбут ба вижагиҳои луғавию маъноӣ, сохторию услубии воситаҳои тасвири бадеӣ дар забон тоҷикӣ ва

англисӣ таҳқиқ гардидаанд. Фаслу зерфаслҳои боби мазкур бо мисолҳои муътамад аз асарҳои бадеии тоҷику англисӣ таҳлили амиқу дақиқ шудааст.

Дар умум, дар боби мазкур ташаккулу таҳаввули намунаҳои барҷастаи воситаҳои тасвири бадеӣ, таснифот ва гурӯҳбандии онҳо дар ду фасл ва 6 зерфасл нишон дода шудааст.

Боби чорум таҳти унвони **«Вижагиҳои татбиқи таҳвилоти луғавӣ ва дастурӣ дар тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ (дар заминаи матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)»** ба масъалаҳои татбиқи таҳвилоти луғавӣ ва дастурӣ дар тарҷумаи санъатҳои бадеӣ бахшида шуда. Дар боби мазкур бо усулҳои мушаххасгардонӣ, умумигардонӣ, тарҷумаи антонимӣ, усули иловаи луғавӣ, талафу бадал ва ҷуброни луғавӣ, ки дар тарҷумашиносӣ мавқеи бориз доранд, бо мисолҳо аз асарҳои бадеӣ вижагиҳои татбиқи таҳвилоти луғавӣ ва дастурӣ, нишон дода шудаанд.

Боби панҷуми диссертатсия **«Хусусияти тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар робита ба масъалаҳои «тарҷуманопазирӣ» дар асоси осори бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** номгузорӣ шуда, дар он ба масъалаи воситаҳои тасвири бадеӣ ҳамчун падидаи «тарҷуманопазир» махсус таваҷҷуҳ шудааст, зеро истифодаи воҳидҳои « тарҷуманопазир» дар таркиби воситаҳои тасвири бадеӣ дар баъзе мавридҳо барои ноил шудан ба тарҷумаи мукаммал монеа эҷод менамояд. Ба андешаи муҳаққиқ: «Яке аз мушкилоти ҷиддие, ки ҳангоми тарҷума аз як забон ба забони дигар ба миён меояд, нафаҳмидани маънои баъзе унсурҳо мебошад, ки ҳангоми тарҷумаи таҳтуллафзӣ мазмуни матни аслро комилан тағйир медиҳад. Дар тарҷума чунин унсурҳо ё падидаҳоро «тарҷуманопазир» меноманд, ки дар низоми воситаҳои тасвири бадеӣ ё санъатҳои бадеӣ васеъ истифода мешаванд ва нақши ин падидаҳо дар истифодаи баъзе воситаҳои баён равшан буда, мавқеи назаррас доранд» (с. 346).

Дар боби мазкур мавқеи истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақол ва реалияҳо нишон дода шуда бо мисолҳои мушаххас таҳлил гардидаанд.

Яке аз муҳиммияти диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки ҳамаи мисолҳо аз асарҳои бадеии тоҷикиву англисӣ оварда шуда, вижагиҳои хоси воситаҳои тасвири бадеӣ бо таҳлилҳои мушаххас нишон дода шудаанд.

Қисмати ҷамъбасти диссертатсия хулосаҳои муаллифро дар бар мегирад.

Хулоса аз 24 банд иборат буда, дар он муаллифи диссертатсия ҳангоми таҳлил ва баррасии воситаҳои тасвири бадеӣ аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ ва баръакс пешниҳод менамояд, ки интиқол додани воситаҳои тасвири бадеӣ дар раванди тарҷума аз таъсири вижагиҳои хоси забонӣ ва услубӣ дар нусхаи асл ва тобишҳои он дар забони тарҷума иборат мебошад ва барои таъсири мутақобилаи ин ду силсилаи падидаҳои забонӣ бо ҳифзи мазмуну муҳтавои матни асл заминаи мусоид фароҳам меорад.

Мавод диссертатсияро метавонад ҳамчун барои баргузор намудани курсҳои назария ва амалияи тарҷума, типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва барои корҳои илмӣ-таҳқиқӣ истифода кард. Инчунин таҳқиқи мазкур барои рушду густариши таҳқиқи муқоисавии забонҳо дар забоншиносии муқоисавӣ ва маърифатӣ, услубшиносӣ ва фарҳангшиносию адабиётшиносӣ муҳим бошад.

Пажуҳиши мазкур натиҷаи ҷустуҷӯ ва омӯзишу таҳлили чандинсолаи муҳаққиқ мебошад. Муҳтавои диссертатсия дар 17 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи КОА ҶТ ва 26 мақолаи дар дигар нашрияҳо батабърасондаи муаллиф инъикос ёфтааст, ки **ба нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия** мувофиқанд.

Диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна аз он ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки ба таҳқиқи илмии забоншиносӣ ва тарҷумашиносии муосир такя карда, аз методҳои маъмули таҳқиқи илми забоншиносӣ – методҳои мушоҳида (таҳлили маводди назариявӣ), таҳлили муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ, таҳлили сохторӣ ва функсионалии онҳо, хусусиятҳои семантикӣ-наҳвӣ ва амсоли инҳо истифода шудааст.

Феҳристи адабиёт номгӯйи сарчашмаҳои илмӣ ва манбаъҳоеро дар бар мегирад, ки дар диссертатсия аз онҳо истифода гардидааст.

Диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферат ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамзамон бо муваффақиятҳои бадастовардаи муаллиф, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки зикри онҳоро зарур медонем:

1. Муаллиф дар шарҳи баъзе воситаҳои тасвири бадеӣ ба таҳлили маъноию луғавӣ маҳдуд шуда, ҷиҳати сохтории онҳоро таҳлилу баррасӣ накардааст;

2. Адабиёти назари марбут ба ифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ бо англисӣ кам ба назар мерасад;

3. Баъзе иқтибосҳои дар диссертатсия овардашуда ба рӯйхати адабиёт мувофиқат намекунад;

4. Муодили англисии баъзе аз воситаҳои тасвири бадеии дар диссертатсия ҷойдошта тарҷума нашудааст. Хуб мешуд, ки муаллиф онҳоро тарҷума мекард, то арзиши илмии диссертатсия бештар мегардид (саҳ. 66, 132, 158 ва ғ.).

5. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ва автореферат ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор аст (с. 7, 10, 20, 59, 101, 174 ва фишурда 5, 28, 30).

Дар маҷмуъ, эрод ва камбудиҳои мазкур аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забонҳои «Донишкадаи байналмилалии
Хуҷанд»-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Мақсудов Умед Олимович

1 майи соли 2025

**Нишонӣ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, маҳаллаи 19, бинои 17А, ҳуҷраи 27
Тел.: (+992) 92-885-55-50
E-mail: olimi.umed@mail.ru

Имзои У.О. Мақсудовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кардҳо ва корҳои махсуси
«Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Раҳимов Набиҷон Искандарович

**Нишонӣ:** 735700, Ҷумҳурии Точикистон,
ш. Хуҷанд, маҳаллаи 27, бинои 1
Тел.: (372) 34 88 24
www.iutet.tj
E-mail: info@iutet.tj,
bitesk_ips@mail.ru
1 майи соли 2025

ЧУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ФИЛИАЛИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН» ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС